# КИБЕРТЕРРОРИЗМ – ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБИ ҶОМЕАИ БАШАРӢ

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 17 Феврал, 2025 - 17:50
[1]

Имрӯзҳо терроризм (кибертерроризм-терроризми иттилоотӣ) дар арсаи байналмилалӣ ва вазъи ноороми ҷаҳонӣ на танҳо паҳнои мувофиқи рушди худро пайдо кардааст, инчунин, бо ғаразҳои эътиқоди динӣ, манфиатҳои молӣ ва сиёсӣ ҳамчун ҷинояти муташаккилона дар

шаклҳои гуногун ба давлатҳо ва тамаддуни инсонӣ зарари ҷиддӣ расонида истодааст. Терроризм падидаи ягона набуда, шаклҳо ва навъҳои гуногуни зоҳиршавиро дорост, ки яке аз ин навъҳои он кибертерроризм ё бо ибораи дигар терроризми электронӣ мебошад.
Кишвари мо баъди пушти сар намудани мушкилотҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, қадамҳои устувор ба сӯйи корҳои созандагӣ гузошт. Тақвият бахшидани пояҳои Истиқлоли давлатӣ, пойдор нигоҳ доштани сулҳу субот дар кишвар, инчунин, пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои хусусияти террористиву экстремистидошта зарурат дорад.

Дар робита ба ин Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 2024 ироа гардид, таъкид намуд, ки «мубориза бо терроризм ва экстремизм самти афзалиятнок ба шумор меравад, зеро ин зуҳурот ҳоло ба хатари глобалӣ мубаддал гардида, тамоми аҳли башарро ба ташвишу нигаронӣ овардааст. Бо назардошти ин вазъ, моҳи майи соли 2018 бо ташаббуси Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмону кишварҳо дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд дар мавзуи «Муқовимат бо терроризм ва ифротгароии хушунатомез» , ки номи «Раванди Душанбе»-ро гирифтааст, баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш Тоҷикистон мавқеи устувори худро дар хусуси ба роҳ мондани ҳамкориҳои густурда ва ҳамоҳангшудаи байналмилалӣ иброз намуд. Зеро ҳамоҳангии фаъолият дар миқёси байналмилалӣ ва минтақавӣ ба эҷоди механизми боэътимоди муборизаи муштарак бар зидди хавфу таҳдидҳои амниятӣ мусоидат менамояд».
Имрӯзҳо терроризм (кибертерроризм-терроризми иттилоотӣ) дар арсаи байналмилалӣ ва вазъи нооруми ҷаҳонӣ на танҳо паҳнои мувофиқи рушди худро пайдо кардааст, инчунин, бо ғаразҳои эътиқоди динӣ, манфиатҳои молӣ ва сиёсӣ ҳамчун ҷинояти муташаккилона дар шаклҳои гуногун ба давлатҳо ва тамаддуни инсонӣ зарари ҷиддӣ расонида истодааст. Терроризм падидаи ягона набуда, шаклҳо ва навъҳои гуногуни зоҳиршавиро дорост, ки яке аз ин навъҳои он кибертерроризм ё бо ибораи дигар терроризми электронӣ мебошад.
Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки кибертерроризм - терроризми иттилоотӣ сол то сол неруи зиёди таъсиррасонниро соҳиб гардида истодааст. Пешрафти техника дар замони ҳозира чунон босуръат ҷараён мегирад, ки истифодаи ғаразноки он аз тарафи ҷомеа дертар дарк ва чораандешӣ карда мешавад. Сарфи назар гардидани ин ҷанбаҳои манфӣ, ҳолати маргборро барои ҳаёти инсон ба бор меорад. Инсонҳо бошанд, ҷузъи ногусастании ин ҷомеа буда, ба атрофиён ва ашёву ҳодисаҳои олам дар доду гирифти ҳамешагӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, барои хубтар шинохтани дунё, ки дар он умр ба сар мебарад, инсонҳоро лозим аст, то андозае аз рӯйдодҳои ҳаррӯза тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ огаҳ бошанд. Яке аз роҳҳои огоҳи пайдо намудан аз ҳодисаву воқеаҳои рухдода, ин пайгирӣ намудани расонаҳои хабарӣ, аз ҷумла, васоити ахбори омма, маҷаллаву рӯзномаҳо ва ҳамчунин шабакаи интернет мебошад.

Гарчанде падидаҳои ҷойдошта зодаи ин аср нестанд, аммо аз ҷиҳати зуҳуроташон ҳамқадами замон гардидаанд, яъне ҳар як падидаи номатлуб шакли муташаккилтару мураккаби зоҳиршавиро пайдо кардааст. Терроризм аз як ҷиҳат падидаи номатлуби нав нест, лекин кибертерроризм, ин шакли нави терроризме, ки бо истифода аз техникаю технологияи нав роҳандозӣ мегардад.

Ба ақидаи муҳаққиқи рус М. Болтунов «терроризм нафратест ва ин нафрати инсон ба инсон ва башарият мебошад. Имрӯзҳо фаъолияти терроризм, тавре шакл гирифтааст, ки аз кӯдаки хурдсол то пиронсол метавонад амалӣ террористӣ содир кунад. Бинобар ин, дар назди давлатҳои олам вазифаи меҳварӣ бо роҳҳои самараноку таҳқиқшуда ҳарчӣ зудтар маҳв ё паст намудани сатҳи фаъоляти он меистад».
Мақсади аслии кибертерроризм заиф намудани ҳокимият, манфур нишон додани чеҳраҳои гуногуни сиёсӣ дар дохили як кишвар ва ба даст овардани ҳокимият мебошад.
Кибертеррорист метавонад дар як гӯшаи олам нишаста, тамоми ахбороти шабакаи ҷаҳонии интернетиро харобу суйистифода ифода кунад ва бо ин амал нофаҳмиро дар байни ҷомеа ва дарки нодурусти иттилоотро ба миён оварад.
Кибертерроризм ин шакли нави терроризм барои ба даст овардани мақсадҳои ғаразноки худ аз компютер, шабакаҳои электронӣ ва технологияи муосири иттилоотӣ истифода мебаранд. Ҷиноятҳои компютерӣ дорои дараҷаи баланди махфӣ будан ва сатҳи пасти ошкоршавиро дар бар гирифта, мувофиқи тадқиқоти Шурои Аврупо танҳо қаллобон тавассути кортҳои кредитӣ ҳар сол то 400 млн долларро мерабоянд. Зараре, ки бо ворид намудани вируси компютерий расонида мешаванд, дар тули як сол ба 12 млрд мерасад, зараре, ки бо вайронкунии ҳуқуқи моликиятдорӣ асос меёбанд 250 млрд долларро ташкил медиҳад.

Дар шароити пешрафти бемайлони илму техника бо донишҳои муосир мутобиқ

гардонидани ҷавонон ва фароҳам овардани шароити арзанда барои ширкати фаъолонаи онҳо дар пешрафти ҷомеа ва давлат муҳимму саривақти мебошад. Мутаассифон, бархе аз ҷавонон пойбанди расму оини хурофотӣ буда, бештар тавассути шабакаҳои интернетӣ ва телефонҳои мобилӣ туъмаи гурӯҳҳо ва ҳизбу ҳаракатҳои тундраву иртиҷоӣ мегарданд. Ин гурӯҳҳои манфур аз бедонишӣ ва хурофотпарастии ҷавонони камхирад истифода карда, оҳоро мағзшӯйӣ намуда, ба манфиати худ истифода мебаранд.

Шабакаи умумиҷаҳонии интернет 24 шабонарӯз фаъол буда, меъёрҳои он аз ҷониби муштариён мунтазам вайрон карда мешаванд, ки ин боиси бадахлоқӣ, қаҳру ғазаб, тарс, бехобӣ ва вайроншавии ҳолоти равонии онҳо мегардад. Яке аз паҳлуҳои манфии истифодабарии интернет, ин нимашаб мебошад, ки ширкатҳои мобилӣ пардохти маблағҳои онро ройгон менамоянд, ки дар натиҷа аксари истифодабарандагони интернетро то саҳар пойбанд намуда, боиси зиён ба саломатии онҳо мегардад. Инчунин, паҳннамоии иттилооти ғаразноку иртиҷоӣ ба мафкураи наврасону ҷавонон таъсири манфӣ расонида, онҳоро аз арзишҳои ахлоқӣ ва миллӣ дур менамояд. Бинобар ин, шаҳрвандони мо, бахусус, ҷавонон бояд фарҳангӣ истифодабарии телефонҳои мобилӣ ва шабакаи интернетиро риоя намоянд.

Ҳамзамон, барои аз байн бурдани идеологияҳои иртиҷоӣ, ифротӣ ва истифодаи ғаразноки интернет, тамоми қишрҳои ҷомеа, аз ҷумла, донишмандон, омӯзгорон, зиёиёни кишвар, алалхусус, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин, ходимони дин, бояд фаъол бошанд. Имрӯзҳо, ки илму техника бо суръати кайҳони пеш меравад, ҷавононро зарур аст, ки ин дастовардро бо мақсадҳои миллӣ истифода намуда, ҳамқадами замон бошанд. Зеро интернет қудрати иродавии таъсиррасониро соҳиб шуда, истифодаи нодурусти он боиси косташавии оила, давлат, вазъи руҳию равонии ноболиғону ҷавонон ва шаҳрвандон шуда метавонад. Танҳо бо истифодаи меъёрҳои ҷавобгӯйӣ талаботи имрӯза, мо шабакаҳои интернетро метавонем, ки дар пешрафти давлат ва ҷомеа таъмин ва дастгирӣ намоем.

Бо мақсади пешгирӣ аз амалҳои номатлуб, роҳ надодан ба хурофоту таассуби динӣ, тарзи дурусти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, инчунин, мақсаднок истифрода намудани интернету телефонҳои мобилӣ, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессор, Узви вобастаи академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раҳматуллозода Сахидод Раҳматулло, ба кормандони Кумита дастур додааст, ки дар самти муқовимат бо «терроризм ва экстремзм», инчунин, «кибертерроризм (терроризми иттилоотӣ)» мақолаҳои илмию омавӣ рӯйи чоп оварда, тавассути сайти Кумита дар ин самт фикру мулоҳизаҳои худро пешниҳад намуда, аз паёматдҳои манфӣ ҷилавгирӣ намоянду таблиғгари сиёсати имрӯзаи кишвари азизамон Тоҷикистон бошад, ки албатта, ин иқдоми шоёну арзандааст.

Роҳбарият ва кормандони Кумита аз Паёми имсолаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон руҳу илҳоми тоза гирифта, онро сармашқи кори худ қарор дода, барои амалӣ намудани ҳадафҳо ва вазифаҳои дар наздашон гузошташуда бо дарки баланди масъулият ва ҳисси хештаншиносии миллӣ ҷаҳдду талош намуда истодаанд.

Бовари дорем, ки дар партави ҳидоятҳои Паёми Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта дар ин самт таваҷҷуҳ ба он меафзоянд ва ҳамагон бо камоли масъулият дар рафъи чунин носозгориҳо саҳм мегузоранд. Ҳайати кормандони Кумита ҳамеша неруи пешбаранда, ворисони асилу арзандаи миллату давлат ва созандагони имрӯзу фардои Тоҷикистони соҳибистиқлол буда, бо амалисозии иқдому ташаббусҳои неку созанда ба хотири боз ҳам таҳким бахшидани ваҳдат ва ободии Ватани азизамон аҳлона заҳмат кашида, ҳар як иқдоми арзишманди Пешвои миллатро қадр менамоянд, ки ин аз фаъолияти кории ҳаррӯзаи онҳо шаҳодат медиҳад.

**Мирзозода Мирзошариф Одина**
**корманди Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Баҳодиҳии муҳтаво:** Select rating
Ҳоло баҳо надорад

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

-

- 

%B0%D1%82%D1%81%D0%B8%D1%8F-%20%D0%BA%D0%B8%D0%B1%D0%B5%D1%80%D1%82%D0%B5%D1%80%D0%BE%D1%80%D0%B8%D0%B7%D0%BC.pdf

---

**Манбаъ::**http://www.istilohot.tj/tg/content/kiberterrorizm-zukhuroti-nomatlubi-chomeai-bashari?page=44

**Пайвандҳо**
[1] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/field/image/20250217_112853.jpg [2] http://www.istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7 [3] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/2025550217_112602.JPG [4] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20250217_111130.jpg [5] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20250217_111154.jpg [6] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20250217_111206.jpg [7] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20250217_111237.jpg [8] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20250217_111356.jpg [9] http://www.istilohot.tj/sites/default/files/gallery/20250217_112853.jpg